

# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

**Омӯзишҳои миллӣ оид ба „Беҳтарин таҷрибаи барқарорсозии беморони нашъаманд дар ҷомеа"**

**Душанбе, 21 июни соли 2012**

Ду омӯзиши миллӣ оид ба „Таҷрибаҳои беҳтарин доир ба кори иҷтимоӣ ва табобати психологии беморони нашъаманд дар ҷомеа" ва „ Амалӣ гардонидани усулҳои муосири барқарорсозии беморони нашъаманд" барои мутахассисони муассисаҳои дахлдори Вазорати тандурустӣ намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо беморони нашъаманд кор мекунанд, дар таърихи 25-30 июни соли 2012 дар Душанбе ва Тангаи аз тарафи Барномаи CADAP-5 бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо гузаронида мешаванд.

Омӯзишҳо аз ҷониби мутахасисони олмонӣ Герхард Экстейн, психолог, Сармушовир оид ба кафолати сифатнокӣ ва сохтори барқарорсозии беморони нашъаманд ва Инга Ҳарт, Магистри илмҳои ҷомеашиносӣ , духтури бемориҳои нашъамандӣ гузаронида мешаванд.

Мақсади омӯзиши аввал дар Душанбе – шиносоии мутахассисони миллӣ бо равишҳои асосии фаъолияти ҷамъиятӣ ва психотерапевтӣ барои беморони нашъаманд мебошад, ки дар доираи Иттиҳоди Аврупо таҷрибаи беҳтарин ба шумо меравад. Омӯзиши дуюм, ки дар Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозӣ дар Тангаӣ баргузор мегардад, барои дар амал татбиқ намудани ин равишҳои назариявӣ равона мешавад. Дар давоми семинарҳо мутахассисони Маркази Тангаӣ дар якҷоягӣ бо мутахассисони Аврупоӣ стратегияи кориро барои ҳал кардани мушкилотҳое, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи маркази барқарорсозӣ ба миён меоянд, муҳокима ва таҳия мекунанд.

Дар назар дошта мешавад, ки 20 нафар иштирокчиёни омӯзиш, ки дар соҳаи барқароркунии беморони нашъаманд фаъолият мекунанд, усулҳои кори иҷтимоӣ ва равишҳои психотерапевтиро барои беморони нашъаманд дар ҷомеа меомӯзанд. Илова бар ин, дар натиҷаи омӯзиши мазкур муносибатҳои мутахассисони Аврупоӣ ва маҳаллӣ дар робита ба муолиҷаи тобеият, барқароркунӣ ва таъмини машварат қавӣ мегардад.

Дар давоми омӯзиш мутахассисони миллӣ якҷоя бо мутахассисони Иттиҳоди Аврупо заруратиоияндаро оид ба омӯзиш ва харид барои беҳтар намудани муолиҷаи иҷтимоӣ муайян мекунанд.

Фаъолияти мазкур дар доираи ҷузъиёти TREAT, Барномаи амалиёт бар зидди моводи нашъа дар Осиёи Миёна (CADAP-5) пиёда карда мешавад. CADAP-5 аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ шуда, аз ҷониби Иттиҳоди давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо амалӣ ва аз ҷониби GIZ роҳбарӣ мешавад.

giz

Central Asia Drug CADAP Action Programme
This Programme is funded by the European Union


Барномаи CADAP аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда шуда, тавассути консорциуми мамлакатҳо- аъзоёни Иттиҳоди Аврупо бо роҳбарии GIZ амалӣ мегардад:
www.cadap.eu

Дилбар Гафарова,
Национальный координатор CADAP
98 821 03 31
email: dilbar.gafarova@giz.de



Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://www.deltjk.ec.europa.eu


Иттиҳоди Аврупо аз 27 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунъёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои бидуни сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат ба маблағи тақрибан 25 млн. евро кӯмак фароҳам менамояд.